**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________ Убайдулло Асрорзода
«____» 29/04 __________ с.2022

# БАРНОМАИ САМАРАБАХШИ ДОНИШГОҲ ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ (ЕС.10)

# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОХИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Тавсифи умумӣ:

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) барномаҳои мукаммал дар соҳаи тағйирёбии иқлимро амалӣ мекунад, ки ба таҳқиқоти илмӣ, ташаббусҳои таълимӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дахл доранд. Барномаҳо аз самтҳои зерин иборатанд: арзёбии хатари тағйирёбии иқлим ва таъсироти он, таҳияи тадбирҳо барои кам кардани оқибатҳои манфӣ ва мутобиқшавӣ, ҷорӣ намудани системаҳои огоҳии пешакӣ дар экосистемаҳои кӯҳӣ, пешбурди дипломатияи иқлим ва иштироки Тоҷикистон дар ташаббусҳои ҷаҳонӣ.

## 2. Шаклҳои асосии фаъолият:

| Самт | Намунаҳои татбиқ |
|---|---|
| Барномаҳои таълимӣ | Ҷорӣ намудани модулҳои «Тағйирёбии иқлим ва рушди устувор», «Дипломатияи сабз» ва «Иқтисодиёти сабз» дар нақшаи таълимии бакалавриат ва магистратура. |
| Тадқиқоти илмӣ | Амалӣ намудани лоиҳаҳо оид ба маърифатнокии экологӣ, дипломатияи сабз, малакаҳои сабз ва кам кардани партовҳои карбон. |
| Конфронсҳо ва форумҳои байналмилалӣ | 1. 1 феврали 2025 – Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Паёми Президент – заминаи рушди устувори кишвар», бахшида ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, ки самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро дар бар мегирад;<br>2. 4 апрели 2025 – Форуми «Масъалаҳои рушди устувори сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва иқтисодиёти сабз»;<br>3. 14 апрели 2025 – Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён дар доираи «Ҳафтаи илм», бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ»; |

| | |
|---|---|
| | 4. 15 апрели 2025 – Конфронси илмию амалии байналмилалӣ «Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз», бахшида ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо – 2025»;<br>5. 18 апрели 2025 – Ҳамоиши илмӣ-назариявӣ «Қабули Эъломияи Хуҷанд: аҳамияти таърихӣ ва нақши он дар таҳкими сулҳу субот-дӯстӣ ва рушди устувори ҳамкориҳои кишварҳои ҳамҷавор»;<br>6. 2 майи 2025 – Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Пиряххо ва нақши онҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои минтақа» – ба масъалаҳои криосфера ва таъминоти об бахшида шудааст<br>7. 10 майи 2025 – Семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Нақши ҳамкориҳои хориҷӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ» бо иштироки намояндагони Иттиҳоди Аврупо ва Ҳиндустон<br>8. 15 майи 2025 – Конфронси илмию амалии «Иқтисодиёти сабз дар шароити тағйирёбии иқлим: гузариш ба ҳадафҳои рушди устувор», бахшида ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо – 2025»;<br>9. 22 майи 2025 – Ҳамоиши илмӣ-фарҳангӣ «Нақши ҷавонон дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия», бахшида ба Рӯзи ҷавонон<br>10. 28 майи 2025 –Форуми дуюми иқтисодӣ «Самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ» дар мавзӯи «Рушди иқтисоди устувор дар шароити тағйирёбии иқлим»;<br>11. 26 сентябри 2025 – Форуми байналмилалӣ «Созмони Милали Муттаҳид ва ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон: ҳамкорӣ барои рушди устувор»;<br>12. 13 октябри 2025 – Конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар доираи форуми инвеститсионии «Душанбе-Инвест 2025»;<br>13. 14 октябри 2025 – Конференсияи илмӣ-назариявӣ «Нақши фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ» – дар робита бо рушди иқтисоди сабз. |
| Барномаҳои ҳамкорӣ | Ҳамкорӣ бо UNEP, GIZ, ОБСЕ, CAREC ва дигар ташкилот оид ба мутобиқшавӣ ва устуворӣ. |
| Фаъолият бо ҷомеаҳои маҳаллӣ | Семинарҳо оид ба идоракунии хатарҳои табиӣ, барномаҳои омӯзишӣ оид ба фикри экологӣ ва истифодаи самараноки захираҳо; |

| | |
|---|---|
| | 1. 25 декабри 2024 – Мизи мудаввар «Рушди бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти сабз»;<br>2. 24 феврали 2025 – Мизи мудаввар «Роҳ ба ояндаи сабз», филиали Левакант;<br>3. 26 феврал 2025 – Мизи мудаввар «Ҷорӣ намудани технологияҳои сабз дар савдои чакана»;<br>4. 08 март 2025 – Иқдоми ниҳолшинонӣ дар маҳаллаи Зафар, ноҳияи Сино, Душанбе;<br>5. 4 июн 2025 – Мизи мудаввар «Идоракунии захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист»;<br>6. 10 июн 2025 – Мизи мудаввари илмию амалӣ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт оид ба илмҳои криосфера 2025–2034;<br>7. 08 октябри 2025 – Семинари илмӣ «Ҳифзи гуногунии биологӣ ҳамчун омил барои рушди сайёҳии экологӣ», дар дараи Каратоғ. |

**3. Натиҷаҳо ва таъсир:**

1. Васеъ намудани маърифатнокии экологӣ ва баланд бардоштани малакаҳои донишҷӯён ва омӯзгорон;
2. Эҷоди платформаи миллии мутахассисон оид ба устувории иқлим;
3. Баланд бардоштани сатҳи иштироки донишгоҳ дар ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба иқлим;
4. Омода кардани донишҷӯён ҳамчун мутахассисони экологӣ дар соҳаҳои гуногун.

**4. Саҳм ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ**

| ҲРУ | Чӣ тавр дастгирӣ мешавад |
|---|---|
| ҲРУ 4 | Таълими босифат дар соҳаи тағйирёбии иқлим |
| ҲРУ 13 | Кам кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ |
| ҲРУ 17 | Ҳамкорӣ барои амалӣ намудани ҲРУ |

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон як маркази пешбари миллӣ оид ба дипломатияи иқлим ва рушди устувор, рушди ҳамкориҳои илмию таълимӣ бо созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Барномаҳои донишгоҳ на танҳо таълим ва таҳқиқотро фаро мегиранд, балки тадбирҳои амалии мутобиқшавӣ дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалиро низ ҷорӣ мекунанд.

**5. Сохторҳои масъул:**

1. Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз;
2. Ҳамаи кампусҳо ва филиалҳо.